«Тасдиқ мекунам»:
Ректори Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам - Абуҳанифа н.и.ф., дотсент
__________Зокирзода Н.М.
«31» ________ 2025

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Каримов Қадриддин Облобердиевич дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ақидаҳои маорифпарварии Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D 020100 – фалсафа (6D 020102 –Таърихи фалсафа)**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи диссертатсионии «Таҳлили муқоисавии ақидаҳои маорифпарварии Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор ба шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D 020100 – фалсафа (6D 020102 – Таърихи фалсафа) мутобиқат менамояд.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Диссертант мавзуи таҳқиқшавандаро бо он асоснок менамояд, ки донишмандоне чун Ж.Ж. Руссо ва А. Донишро новобаста аз намояндаи замону макон, фарҳангу миллат ва расму оини гуногун будан, ақидаҳои ягонаи маорифпарварӣ ба ҳам наздик менамояд. Андешаҳои маорифпарварии А. Дониш бо андешаҳои Ж.Ж. Руссо, ки як аср пеш аз вай зиндагӣ карда буд, мувофиқат мекунад. Бинобар қафомондагии ҳамаҷиҳатаи Бухорои амирӣ, А. Дониш аз осори Ж.Ж. Руссо хабар надошт, ин далолат ба он мекунад, ки чунин мувофиқати андеша на тасодуфӣ, балки натиҷаи сафарҳои А. Дониш ба Россияи подшоҳӣ ва ворид шудани вай ба ҷараёни маорифпарварӣ мебошад. Ба аҳли илму адаб чи гуна таъсир доштани А. Дониш ба ҷомеаи илмию адабӣ ва аҳли зиёи минбаъдаи тоҷик ва умуман Осиёи Марказӣ маълум аст. Решаҳои пайдоиши афкори А. Донишро ҷустуҷу ва пайдо кардан дар ҷомеаи имрӯзаи тоҷик муҳим ва аҳамиятнок арзёбӣ мешавад, зеро мақсади давлату ҳукумати имрӯзаи Тоҷикистон сохтани ҷомеаи маърифатнок ва аз ҳар ҷиҳат пешрафта аст. Барои расидан ба ин мақсад омӯзиши афкори ҳам Ж.Ж. Руссо ва ҳам А. Дониш аҳамияти калон дорад.

**Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.** Диссертант ҳангоми таҳияи рисолаи диссертатсионӣ ба сарчашмаҳои илмӣ ва пажӯҳишҳои дигар олимон, ки марбут ба мавзуи тадқиқот мебошанд, махсусан ба мавод ва сарчашмаҳо бо забонҳои тоҷикӣ, фаронсавӣ, русӣ, англисӣ ва дигар забонҳо муроҷиат

намуда, мавзуъро мувофиқи методологияи илмӣ мавриди баррасӣ қарор додааст. Хулоса ва пешниҳодҳои дар охири ҳар як зербобу боб, инчунин дар охири рисола овардашуда, метавонанд мазмуни кори илмиро инъикос намоянд ва аз ҷиҳати илмӣ хусусияти навоварона доранд.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда.** Рисолаи диссертатсионӣ дорои навгониҳои илмӣ мебошад. Аз ҷумла, диссертант тавонистааст, ки пайдоиши маорифпарвариро ҳам дар Фаронса ва ҳам Осиёи Марказӣ дар доираи нишон додани ҷиҳатҳои умумиятдошта ва хусусиятҳои фарққунадаи он таҳқиқ намояд; заминаҳои ташаккули афкори маорифпарваронаи ҳар ду мутафаккирро вобаста ба шароит ва замону макон тавзеҳ диҳад; масъалаи инсон ва иртиботи ӯро бо ҷомеа дар таълимоти Ж.Ж. Руссо ва А. Дониш дар доираи асарҳои бунёдии онҳо мавриди таҳлил ва муқоиса қарор диҳад; моҳияти фалсафии консепсияи тарбияи табиии Ж.Ж. Руссо ва ҷиҳатҳои умумиятдошта ва хусусиятҳои фарққунандаи онро аз назарияи тарбияи А. Дониш илман таҳқиқ ва нишон диҳад; таъсири ақидаҳои маорифпарварии Ж.Ж. Руссо ва А. Донишро дар ташаккули афкори фалсафии ҳамасрон ва мутафаккирони баъдина мавриди таҳлилу муқоиса қарор диҳад ва ғайра.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Дар диссертатсия муаллиф бештар ба муқаррарот ва хулосаҳои файласуфони маорифпарвар, муҳаққиқони тоҷику рус, аврупоӣ, эронӣ ва ғайра, ки бевосита ба мавзуи таҳқиқотӣ рӯй овардаанд, такя намудааст. Ҳамзамон, корҳои илмии чопшудаи олимон ва муаллифон, ки дар шакли монографияҳо, дастурҳои таълимӣ, мақолаҳои илмии нашргардида дар маҷалаҳои тақризшавандаи байналмилалӣ, барномаю қонунҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, махзанҳои электронии интернетӣ, сомонаҳои расмии вазорату идораҳои дахлдори соҳавӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд, ташкил менамоянд.

Натиҷаҳои амалии таҳқиқот метавонанд дар раванди пажӯҳиши муносибатҳои мутақобилаи давлат ва ҷомеа, нақши давлат дар тарбияи кӯдак, муносибати оила бо мактаб ва ғайра, ҳангоми таҳияи стратегия ва консепсияи сиёсати давлатӣ дар мавриди маориф, мақом ва нақши он дар равандҳои иҷтимоии ҷомеа мавриди истифодаи васеъ қарор гиранд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкурро метавон ҳангоми баррасии масъалаҳои назариявии осори илмии донишмандони давраи маорифпарварии ҳам Аврупо ва ҳам Осиёи Миёна, инчунин, дар таълифи асарҳои илмию фалсафӣ, бахусус, ҳангоми таҳияи таърихи фалсафаи маорифпарварӣ, фалсафаи илм ва методологияи таҳқиқоти илмӣ истифода бурд. Дастовардҳо ва хулосаҳои таҳқиқоти мазкур имкон медиҳад, ки мақоми воқеии ҷараёни маорифпарварии аврупоӣ ва тоҷик дар ҳадди қиёс муайян карда шавад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Дақиқияти маълумот, кофӣ будани ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот, гузаронидани таҳқиқи эътимодноки диссертатсионӣ мебошанд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ манзур карда шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Саҳми шахсии довталаб пеш аз ҳама дар он дида мешавад, ки бори аввал дар илмҳои фалсафӣ саҳми ду мутафаккири машҳур - Ж.Ж. Руссо ва А. Донишро диссертант дар рушди соҳаи маориф ва раванди тарбияи замонашон баррасӣ кардааст. Ғайр аз ин диссертант афкори мутафаккирони зикршударо дар хусуси идоракунӣ, давлат ва сохтори он, сиёсат ва ғайра мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода, дар доираи асарҳои бунёдии маорифпарварон ҷиҳатҳои умумиятдошта ва хусусиятҳои фарққунандаи ақидаҳои маорифпарварона-инсонгароёнаи онҳоро таҳқиқ кардааст.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Натиҷаҳои таҳқиқот дар 5 мақолаи илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссератсия.** Замони муосир замони дастовардҳои бузурги илмиву техникӣ ва бозёфтҳои нав ба нави инсоният ба шумор рафта, роҳ ёфтану муваффақ гаштан ба онҳо аз мактабу маориф ва низоми дурусти раванди таълим вобастагии амиқ дорад. Бинобар ин, истифодаи самаранок ва ақлонии хазинаи ғанӣ, арзишҳои моддию маънавии гаронбаҳои аз таърихи гузаштаи халқу миллатҳо меросмонда, яке аз манбаҳои асосии ба майдони пешрафти илму техника ворид шудани инсоният ба ҳисоб меравад. Нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои қарни XX, давраи ташаккули фалсафаи маорифпарварӣ ба ҳисоб рафта, таҳқиқу омӯзиш ва барои рушди ҷомеаи имрӯза истифода бурдани андешаву пешниҳодҳои барномаи ислоҳоти иҷтимоии ҷараёни номбурда зарур ва муҳим мебошад.

Ҳамчунин муаррифӣ кардани ақидаҳои арзишманди Жан Жак Руссо - маорифпарвари франсавӣ, файласуф ва педагог ва Аҳмади Дониш - мутафаккири тоҷик, поягузори равияи маорифпарварӣ дар Осиёи Марказӣ - ҷузъи фарҳанг, сармояи маънавии ташаккули қобилияти зеҳнии инсоният маҳсуб меёбанд. Ба таъкиди диссертант раванди рушди ҳаёти иҷтимоӣ - фарҳангӣ ва ташаккули ҳувияти миллӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол аз масъалаҳои муҳими кори пажӯҳишӣ ба ҳисоб мераванд.

Диссертант дар қисмати муқаддимаи дараҷаи омӯзиши мавзуъ тавонистааст муҳимтарин таҳқиқотро роҷеъ ба осору афкори мутафаккироне чун Ж.Ж. Руссо

ва А. Дониш бо тамоми дастовардҳояшон тавзеҳ диҳад. Назар ба қавли диссертант оид ба шинохт ва муаррифии афкори педагогии Ж.Ж. Руссо олимони варзида: И. Каримова ва С. Сулаймонӣ дар мақолаҳои таҳқиқотиашон, тамоюлгирии афкори педагогии маорифпарварро мушаххас кардаанд. Саҳми дигари назарраси онҳо аз он иборат аст, ки китоби «Эмил ё дар бораи тарбият»-и Ж.Ж. Руссоро ба забони тоҷикӣ баргардон намуда, дастраси хонандагони тоҷик гардондаанд.

Диссертант дар ин қисмат ва рисола аз таҳқиқоти донишмандони шинохта З. Раҷабов, Ш. Абдуллоев, Б. Самиев ва дигарон ёд карда, назару андешаи онҳоро мавриди баррасӣ ва таҳлили муқоисавӣ қарор додааст. Ҳамзамон паҳлуҳо ва нукоти ноомӯхтаи осори мутафаккирони номбурдаро зикр кардааст.

Ҳамин тавр, ба назари диссертант омӯзиш ва таҳқиқи маводи тавзеҳдодашуда собит менамоянд, ки бо вуҷуди баррасӣ ёфтани бештари ҷанбаҳои таълимоти маорифпарварон, аз ҷумла муайян кардани характери пайдоиши он дар Аврупо ва Шарқ, таҳқиқ кардани паҳлуҳои алоҳидаи афкори маорифпарварон, нишон додани саҳми онҳо дар рушди ҷомеа, бедорӣ ва густариши маънавиёт, масъалаи асоснок кардани ҷанбаҳои умумиятдошта ва хусусиятҳои фарққунандаи таълимоти маорифпарварӣ дар Аврупо ва Осиёи Миёна, ҳолати баррасӣ ва таҳлил гардидани масъалаҳои меҳварии ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсӣ аз ҷониби Ж.Ж. Руссо ва Аҳмади Дониш - муаррификунандагони арзишҳои фарҳангии ду минтақаи аз ҳам тафовутдошта мебошанд ва таҳқиқоти ҷудогонае дар ин замина рӯйи нашр наомадааст, дар ҳоле ки ин масъулиятро муаллифи ин диссертатсия ба уҳдаи худ гирифтааст.

**Дар боби аввали диссертатсия** "Нақши Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш дар ташаккул ва такомули равияи маорифпарварӣ" диссертант заминаҳои муайяни таърихии ба вуҷуд омадани равияю мактабҳоро нишон додааст. Мактабҳои фалсафии давраи Маорифпарварии аврупоиро диссертант аслан идомаи мантиқии ҳаракатҳои дар давраи Эҳё бавуҷудомада дониста, онҳоро мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор додааст.

**Дар зербоби аввали боби мазкур** "Заминаҳои иҷтимоӣ - фарҳангии пайдоиши маорифпарварӣ дар Фаронса ва Осиёи Марказӣ: умумият ва фарқият" - диссертант қайд менамояд, ки масъалаи растагорӣ, раҳоӣ ва наҷот дар афкори иҷтимоии мутафаккирони тоҷику аврупоиро ба инобат гирифта, метавон гуфт, ки маорифпарварони фаронсавӣ, аз ҷумла Ж.Ж. Руссо аз ақидаҳои ақлгаройии Ибни Сино огоҳидошта баҳравар шудааст. Вале диссертант ба баррасии ҳамаҷонибаи ин масъала напардохта, ба омӯзиши бевоситаи масъалаҳои маорифпарварии ду намояндаи машҳури он: Ж.Ж. Руссо ва А. Дониш меварзад ва таълимоти онҳоро аз ҷиҳатҳои мухталиф мавриди омӯзиши муқоисавӣ қарор медиҳад.

**Дар зербоби дуюм** “Мухтасари шарҳи ҳол ва таснифи осори Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш” диссертант қайд кардааст, ки Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш дар тӯли умри худ дар вазифаҳои гуногун, аз ҷумла ба сифати муншӣ дар сафоратхонаҳо фаъолият кардаанд. Аммо нодонию сатҳи пасти дониши сиёсӣ ва камтаҷрибагии сафирон аз мавзӯъҳои байналмилалӣ кам хабардор будани онҳо, надонистани дипломатияи муошират боис гаштааст, ки дар баррасӣ ва ҳалли масъалаҳои байнидавлатӣ ба ҷойи сафирон ходимони сиёсиашон масъулиятро ба уҳда бигиранд.

**Зербоби сеюм** “Сарчашмаҳои идеявии ташаккулёбии ақидаҳои маорифпарварии Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш” ном дошта, дар он, ақидаҳои маорифпарварӣ ва ислоҳотхоҳии Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш, ба назари диссертант, худ ба худ ташаккул наёфтаанд. Омӯзиш ва таҳқиқи осори арзишманд, масъалагузорӣ ва тавсияву пешниҳодҳои маорифпарварон ҷиҳати ҳал кардани масъалаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ, нишон додани роҳу усулҳои рушду тараққии ҷомеа маълум менамоянд, ки сарчашмаҳои ғоявии ташаккулёбии андешаҳои онҳо гарчанде гуногун бошад ҳам, вале ба ҳамдигар шабоҳат доранд.

**Диссертант боби дуюми диссертатсияро** “Таҳлили муқоисавии андешаҳои ислоҳотхоҳӣ ва гуманистӣ дар таълимоти Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш” ном гузоштааст, ки аз се зербоб иборат аст.

**Дар зербоби аввали боби дуюм** “Баррасии масъалаи инсон ва иртиботи ӯ бо ҷомеа дар таълимоти Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш” масъалаҳои марбут ба офариниш, ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсӣ, хусусан пайдоиши ҷомеа, шаклҳои идоракунии давлат, интиқоди арзишҳои тамаддунӣ, низоми таълиму тарбия, шинохти инсон ва тавассути он ҳимоя кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон мебошад. Диссертант дар ин зербоб тавонистааст, ки афкору андешаҳои ҳам Ж.Ж. Руссо ва ҳам А. Донишро дар хусуси инсон, характери инсон, тарбияи он ва муносибати инсон бо ҷомеаро бо мисолҳои мушаххас нишон диҳад.

**Диссертант зербоби дуюмро ба ҳалли масоили** “Моҳияти фалсафии консепсияи тарбияи табиии Жан Жак Руссо ва хусусиятҳои фарққунандаи он аз назарияи тарбияи Аҳмади Дониш” бахшидааст. Ба навиштаи диссертант бо сабаби мушкилоти хонаводагӣ Жан Жак Руссо аз давраи кудакӣ таълими системанок нагирифтааст. Аммо бо роҳнамоии падар аз давраи наврасӣ ба мутолиаи осори фалсафию адабӣ шурӯъ намудан, ба кишварҳои гуногуни Аврупо мунтазам сафар кардан, хизмат намудан дар вазифаҳои гуногуни давлатӣ ва касбҳои мухталиф ҷиҳати пайдо кардани даромад, шиносоӣ бо рӯшанфикрони фаронсавӣ ва ширкат варзидан дар озмуну баҳсҳои илмӣ ӯро ба яке аз чеҳраҳои рӯшанбини фаронсавӣ табдил

дода, идеяҳояш аз ҷиҳати ғоявӣ заминаҳои инқилоби асри XVIII-и Фаронсаро ба вуҷуд овардананд.

**Дар зербоби сеюми боби дуюм** “Нақши ақидаҳои иҷтимоӣ-сиёсии Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш дар ташаккули афкори фалсафии ҳамасрон ва мутафаккирони баъдина” ба таъсири ақидаҳои мутафаккирони номбурда пардохтааст. Ба назари диссертант мутафаккироне чун Руссо ва Дониш бо он ҳама осори илмии фарох, тарзи фикрронии пешрафта ва барои замони худ ғайримуқаррарӣ, зиракиюояндабинии дақиқ наметавонистанд ба мафкураи олимону донишмандони минбаъда таъсиргузор набошанд.

Дар хулосаи боби мазкур натиҷагирӣ карда шудааст, ки дар таърихи афкори фалсафию фарҳангии ҷомеаи инсонӣ аз оғози асри XVII то охири асри XIX-ро марҳилаи рушди маорифпарварӣ муаррифӣ менамоянд.

Рисола аз нигоҳи илмӣ ғанӣ ва андешаҳои муаллиф мантиқан дуруст баён гардида, натиҷаҳо хулосагирӣ шудаанд. Ҷараёни маорифпарварӣ барои маърифатнокшавӣ ва худогоҳии мардум такони ҷиддӣ бахшидааст.

**Дар хотима хулосаҳои** асосии тадқиқот, ҷамъбасти умумӣ оварда шуда, тавсияҳо аз рӯи моҳияти масъалаи мавриди пажуҳиш қарорёфта ба миён гузошта шудаанд.

Бе шубҳа, кори диссертатсионии Каримов Қ.О. таҳқиқоти мустақилона ва анҷомёфтаи илмист.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-33-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Муаллиф тавонистааст, ки диссертатсияи худро тариқи сохтори дуруст таҳия карда, объект ва предмети таҳқиқотро дар алоқамандӣ бо мавзуъ, вазифаҳои таҳқиқот дар ҳамбастагӣ бо ҳадаф ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, ба баёни навгониҳои илмӣ муайян намуда, тавассути методологияи илмӣ-фалсафӣ онро таҳлилу баррасӣ ва натиҷагирӣ намояд. Равиши пайдарҳамии мантиқии фикр дар ҳама қисматҳои диссертатсия мушоҳида шуда, андешаҳои муаллиф асосноку илмӣ мебошанд. Бо назардошти ҳамин хусусият диссертатсияро кори илмии анҷомёфта ва дорои мазмуну муҳтавои илмӣ ҳисобидан мумкин аст.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Тахассуси илмии довталаб - Каримов Қадриддин Облобердиевич ба ихтисоси илмии дархостшаванда - илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D 020100 - фалсафа (6D 020102 - Таърихи фалсафа) мувофиқат мекунад.

Таҳқиқи диссертатсия аз ин ҷиҳат қобили дастгирӣ мебошад, ки диссертант Каримов Қ. вобаста ба мавзуи тадқиқот сарчашмаҳо ва маводи заруриро бо забонҳои гуногун гирд овардааст. Баъдан, дар доираи

методологияи илми фалсафа онҳоро мавриди таҳқиқ қарор додааст ва дар ниҳояти кор хулосаву пешниҳодҳои худро баён кардааст. Таҳлилҳо, баррасиҳо, хулосаҳо ва пешниҳодоти диссертатсия барои илму ҷомеаи муосири тоҷик аз назари тарбияи ахлоқӣ, рӯй овардан ба омӯзиши илму маърифат аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доранд.

**Эродҳо дар ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.**

Новобаста аз дастоварду муваффақиятҳо ва пешниҳодҳои ҳадафмандона диссертатсияи мазкур аз норасоиҳо ва камбудиҳое, ки хусусияти ҷузъӣ доранд, холӣ нест:

1. Диссертант дар кори илмии худ осори маорифпарваронро аз ҷиҳати таърихӣ бештар мавриди омӯзиш қарор додааст;
2. Хулосаҳои диссертант ҳангоми баррасии фаслҳои диссертатсия ба таври умумӣ баён шудаанд;
3. Диссертатсия ва автореферат аз иштибоҳоти услубию техникӣ низ холӣ нестанд.

Эрод ва камбудиҳои ҷойдошта сифати баланди илмии диссертатсияро коста намегардонанд. Ба инобат гирифтани онҳо дар таҳқиқоти ояндаи диссератант самаранок арзёбӣ мегарданд.

Автореферати дисертатсия тибқи тартиби муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D 020100 - фалсафа (6D 020102 -Таърихи фалсафа) таҳия гардида, мазмуни асосии кори таҳқиқотиро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.** Хулоса, диссертатсияи Каримов Қадриддин Облобердиевич дар мавзӯи «Таҳлили муқоисавии ақидаҳои маорифпарварии Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D 020100 - фалсафа (6D 020102 - Таърихи фалсафа) дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D 020100 - фалсафа (6D 020102 - Таърихи фалсафа) сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқарраароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби номзади илмҳои сиёсатшиносӣ, дотсенти кафедраи илмҳои ҷамъиятшиносии Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам – Абуҳанифа, Сайдалиев У. ва устоди дигари кафедраи мазкур Каримова С. омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи илмҳои ҷамъиятшиносии Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам – Абуҳанифа муҳокима ва тасдиқ карда шудааст. (протоколи №6 аз 30 майи соли 2025).

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 10 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор - 10 нафар, зид - нест, бетараф - нест.

**Раисикунанда:**
н.и.с., дотсенти кафедраи илмҳои ҷамъиятшиносии Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам – Абуҳанифа **Сайдалиев У.**

**Эксперт:**
н.и.ф, дотсенти кафедраи илмҳои ҷамъиятшиносии Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам – Абуҳанифа **Зокирзода Н.М.**

**Котиби илми:**
муаллими калони кафедраи илмҳои ҷамъиятшиносии Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам – Абуҳанифа **Каримова С.**

Имзои н.и.ф., дотсент Сайдалиев У., н.и.ф., дотсент Зокирзода Н.М. ва Каримова С. - ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо, таъминоти ҳуқуқӣ ва корҳои махсуси Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам – Абуҳанифа **Ҷомадов Х.**
30.05.2025

**Суроға:**
Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734025, ш. Душанбе к. Шодмонӣ, 58/1
Тел.: (+992 37) 224-22-36
Почтаи электронӣ: islamtaj@mail.ru
Сомона: www.http://dit.tj